ХАБАРНОМА

# АРЗЁБИИ САТҲИ ОГОҲӢ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН

Шумораи № 3

Январи 2025



## ДАР ИН ШУМОРА:

**ЗЕРЛОИҲАИ "БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ОГОҲӢ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН"**

*Муаррифии мухтасари зерлоиҳа*



**АРЗЁБИИ САТҲИ ОГОҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҲАДАФӢ:**

*Арзёбӣ ва таҳияи стратегия*



**БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРҲО ОИД БА "РӮЗИ МУҲИТИ ЗИСТ", "РӮЗИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ" ВА "ҲАФТАИ ИҚЛИМИ ОСИЁ"**

*ГУЗОРИШ АЗ МИНТАҚАҲОИ ҲАДАФӢ*



# БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ОГОҲӢ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН

## МУАРРИФИИ МУХТАСАРИ ЗЕРЛОИҲА

Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ ва зироатӣ буда, аз тағйиёбии иқлим осебпазир аст. Хатарҳои тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, кишоварзӣ ва инфрасохтори Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон”-и лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад.

**СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК:**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тағйирёбии иқлим шаш соҳаро афзалиятнок эълон намудааст:**

**1-Кишоварзӣ**
**2-Саноат/Сохтмон**
**3-Захираҳои об**
**4-Энергетика**
**5-Ҷангал/гуногунии биологӣ**
**6-Нақлиёт**

## НОҲИЯҲОИ ҲАДАФӢ:

- *АЙНӢ*
- *КӮШОНИЁН*
- *ФАЙЗОБОД*
- *ДАРВОЗ*




Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии Тоҷикистон, ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии “рушди баробарҳуқуқ”- “EQUIDEV” яке аз ташаббускорони мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон мебошад. EQUIDEV таҷрибаи калон дар роҳандозии маъракаҳои огоҳсозӣ дорад ва кӯшиш мекунад, ки аудиторияи гуногун, аз ҷумла мақомот, бахши хусусӣ ва ҷомеаро дар пешбурди стратегияҳои мутобиқшавӣ, ки бо NAP мувофиқат мекунанд, ҷалб кунад.

EQUIDEV бо дастгирии молиявии UNDP бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва роҳу усулҳои мутобиқшавӣ бо тағйироти иқлим, зерлоиҳаи “Баланд бардоштани огоҳӣ оид ба таъсири тағйирёбии иқлим, таҷдиди меъёрҳо ва тадбирҳои мутобиқшавӣ дар Тоҷикистон”-ро амалӣ менамояд. Зерлоиҳаи мазкур ба муддати 6 моҳ (ноябри 2024-апрели 2025) буда, дар вилояти Суғд (н.Айнӣ), вилояти Хатлон (Бохтар), ноҳияҳои тобеъи марказ (н. Файзобод) ва ВМКБ (Н.Дарвоз) амалӣ мешавад. Соҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон дар масъалаи мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим: Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тағйирёбии иқлим шаш соҳаро афзалиятнок эълон намудааст: 1-Кишоварзӣ, 2-Саноат/Сохтмон, 3-Захираҳои об, 4-Энергетика, 5-Ҷангал/Гуногунии биологӣ, 6-Нақлиёт





# АРЗЁБИИ САТҲИ ОГОҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҲАДАФӢ:

## АРЗЁБӢ ВА ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯ

- ***Дар чочӯбаи фаолияти зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” дар моҳи ноябри 2024 арзёбии фарогир ҷиҳати баҳодиҳии сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар миёни баҳрабарандагон дар чор ноҳияи ҳадафӣ: Айнӣ, Дарвоз, Кӯшониён ва Файзобод гузаронида шуд. Арзёбии мазкур бо мақсади муайян намудани таъсири тағйирёбии иқлим ва огоҳсозӣ ҷиҳати тақвияти мутобиқшавӣ дар байни баҳрабарандагон анҷом дода шуд.***

Арзёбии сатҳи огоҳӣ бо истифода аз методу усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ анҷом дода шуд, ки шомили саволномаҳои махсус барои баҳрабарандагони сектори хусусӣ ва давлатӣ, мусоҳиба бо шахсони калидӣ, ва баҳсу баррасиҳои гурӯҳҳои фокусӣ мебошад. Арзёбӣ мавзӯъҳои таъсири тағйирёбии иқлим, таҷрибаҳои мутобиқшавӣ ва чолишу проблемаҳои гурӯҳҳои осебпазирро дар бар мегирад.

Равишу усулҳои арзёбӣ маълумоти сифатӣ ва ададӣ аз шаш сектори афзалиятнок: об, кишоварзӣ, ҷангал, энергетика, нақлиёт, ва саноатро ҷамъоварӣ намудааст.

Арзёбӣ инчунин маълумоти дуюмдараҷа аз сарчашмаҳои миллӣ ва байналмилалиро бар иловаи ёфтаҳо ва натиҷаҳои бадастомада, дар бар мегирад. Маълумоти дуюмдараҷа тамоюлҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии тағйирёбии иқлимро дар бар мегиранд, ки имкони дар чорчӯбаи байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ кардани ёфтаҳои арзёбиро фароҳам мекунад.

## ТАВСИЯҲОИ АСОСӢ

**ҶИҲАТИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ФАОЛИЯТҲОИ ЗЕРИН ТАВСИЯ МЕШАВАНД:**

- **Баргузор намудани омӯзишҳои мақсаднок**
- **Ҷудо намудани маблағ**
- **Беҳбуд бахшидани барномаҳо ҷиҳати дастгирии мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим**

## ЁФТАҲОИ КАЛИДИИ АРЗЁБӢ

Дар натиҷаи анҷом додани арзёбӣ маълум гардид, ки сатҳи огоҳӣ дар ноҳияҳои ҳадафӣ паст буда, осебпазирии чанд сектор муайян карда шуд. Баъзе мушкилотҳои асосӣ инҳо мебошанд:

- ***Сарчашмаҳои маҳдуди молиявӣ ва техникӣ.***
- ***Ҳамкории нокофӣ байни баҳрабарандагон.***
- ***Татбиқи нокофии барномаҳо.***



# АРЗЁБИИ САТҲИ ОГОҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҲАДАФӢ:

## АРЗЁБӢ ВА ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯ

Дар асоси ёфтаҳои арзёбӣ Стратегияи соҳавии дастрасӣ (ССД) таҳия карда шуд, ки дар секторҳои афзалиятноки минтақаҳои ҳадафӣ истифода мешавад. Стратегияи мазкур дар асоси маълумотҳои зарурӣ аз ёфтаҳо ва маълумотҳои дуюмдарача, барномаҳо ва чорабиниҳои мувофиқро пешниҳод менамояд.

- **Афзалиятҳои калидӣ ва барномаҳо**

ССД афзалиятҳои зеринро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар масъалаи тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ пешниҳод менамояд:

- ***Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ тавассути роҳандозии маъракаҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидани фаҳму дарки тағйирёбии иқлим.***
- ***Ҳамкории байнисоҳавӣ барои тақвияти шарикӣ дар миёни баҳрабарандагон ба хотири тақвияти тобоварӣ.***
- ***Тавонмандсозии гурӯҳҳои осебпазир тавассути ҳамкорӣ бо занон ва ҷавонон ҷиҳати таъмин намудани иштироки фаъоли онҳо дар стратегияи мутобиқшавӣ.***

Стратегия инчунин ташаббусҳои баланд бардоштани зарфият бо мақсади ҳалли мушкилоти зикршуда дар арзёбиро дар бар мегирад. Мутобиқ будан бо чорчубаи миллӣ ва таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ, нишон медиҳад, ки ССД стратегияи мувофиқ ва қобили татбиқ барои баҳрабарандагон аст. Арзёбии дастрасӣ ва таҳияи стратегия қадамҳои муҳим дар ҳалли мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба ноҳияҳои ҳадафӣ мебошад. Бо амалисозии пешниҳод ва тавсияҳои дидгоҳҳо ва пешниҳодҳои баҳрабарандагон ва стратегияҳои марбута ва таҳияи чорчубаҳо мешавад тобовариро тақвият бахшида, қобилиятҳои мутобиқшавӣ байни қишри осебпазири аҳолиро бештар кард.

Ҳамкории самаранок ҷиҳати татбиқи муассири тавсия ва пешниҳодҳо хеле зарурӣ буда, натиҷаҳои устувори мутобиқшавӣ дар масъалаи тағйирёбии иқлимро ба бор меёрад.

### АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИЯИ СОҲАВИИ ДАСТРАСӢ (ССД):

*ССД АФЗАЛИЯТҲОИ ЗЕРИНРО ҶИҲАТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ОГОҲӢ ДАР МАСЪАЛАИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МУТОБИҚШАВӢ ПЕШНИҲОД МЕНАМОЯ**Д**:*

- ***Баланд бардоштани огоҳӣ тавассути маъракаҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидани фаҳму дарки тағйирёбии иқлим.***
- ***Ҳамкории байнисоҳавӣ барои тақвияти шарикӣ дар миёни баҳрабарандагон ба хотири тақвияти тобоварӣ.***
- ***Тавонмандсозии гурӯҳҳои осебпазир тавассути ҳамкорӣ бо занон ва ҷавонон ҷиҳати таъмин намудани иштироки фаъоли онҳо дар стратегияи мутобиқшавӣ.***



# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРҲО ОИД БА “*РӮЗИ МУҲИТИ ЗИСТ*”, “*РӮЗИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ*” ВА “ҲАФТАИ ИҚЛИМИ ОСИЁ” ДАР МИНТАҚАҲО

Дар моҳи декабри 2024 дар чорчубаи зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” як силсила семинарҳои омӯзишии муҳим дар Бохтар, Айнӣ ва Дарвоз баргузор шуданд, ки ба масъалаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ ва таҷрибаҳои устувор бахшида шуда буданд. Ин семинарҳо барои роҳбарони маҳаллӣ, мутахассисон ва аҳли ҷамоатҳо ҳамчун платформаи табодули фикру назар роҷеъ ба тағйирёбии иқлим, мутобиқшавӣ ва проблемаҳои маҳаллӣ ва роҳҳои ҳалли он, хидмат намуд.

- **Семинари “Рӯзи муҳити зист” дар Бохтар:**

Нахустин семинар бахшида ба “Рӯзи муҳити зист”, дар шаҳри Бохтар баргузор шуд, ки 26 иштирокчиро аз соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва ҷангали Бохтар гирди ҳам овард. Семинари мазкур масъалаҳои аҳамияти ҳифзи муҳити зист ҳамчун тадбири муҳим дар коҳиши рискҳои зистмуҳитӣ ва рушди устуворро ба баррасӣ гирифт.

- **Семинари “Гуногунии биологӣ” дар Айнӣ:**

Семинари дуюм, ки бахшида ба “Гуногунии биологӣ” буд, бо иштироки 24 намоянда аз соҳаҳои гуногун ба шумули ҷангал, кишоварзӣ, идораи оби Айнӣ дар маркази ноҳияи мазкур баргузор шуд. Семинари мазкур масъалаи аҳамияти ҳифзи гуногунии биологӣ дар шароити кӯҳистонро баррасӣ намуда, нақши он дар тобоварии иқлимиро тавзеҳ дод.

- **Семинари “Ҳафтаи иқлими Осиё” дар Дарвоз:**

Семинари омӯзишӣ бахшида ба ҳафтаи иқлими Осиё, 25 иштирокчӣ аз ҷамоатҳои гуногуни ноҳия, ки аз тағйирёбии иқлим осебпазир мебошандро гирди ҳам овард. Семинари мазкур масъалаҳои тағйирёбии иқлим, муаррифии роҳу усулҳои нави ва стратегияҳои тақвияти тобоварӣ дар шароити деҳотро баррасӣ намуд.

***Дар моҳи декабри 2024 дар чорчубаи зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” як силсила семинарҳои омӯзишии муҳим дар Бохтар, Айнӣ ва Дарвоз баргузор шуд***



*Семинари Ҳафтаи Иқлими Осиё дар Дарвоз*



*Семинари гуногунии биологӣ дар Айнӣ*



*Семинари Рӯзи муҳити зист дар Бохтар*